# **ОБ -** МУЪҶИЗАИ ТАБИАТ

Дар миёни масъалаҳои глобалии экологӣ масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва беҳдошти ҳифзи оби тоза, ки дар ҳақиқат ҳаётбахши олами ҳайвоноту наботот ва одамизод мебошад, мақому манзалати хосса пайдо намудааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сессияи Ассамблеяи Генералии Созмони Миллали Муттаҳид соли 2003-ро соли байналмилаии «Оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», соли 2013 соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб пазируфта шуд.

Имрӯз чандин кишварҳои дунё бинобар нокифоя будани оби нӯшокии тоза аз дигар ҳамоякишварҳо об мехаранд. Масалан, дар Олмон, Ҳолланд, Дания, Италияи Ҷанубӣ, Сингупур оби нӯшокиро бо меъёри муқарраршуда медиҳанд.

Олимон бар он ақидаанд, ки таҳдиди норасоии об дар натиҷаи яку якбора афзудани миқдори аҳолии курраи Замин, инкишофи босуръати саноат ва дигар соҳаҳо ба миён меояд. Аз ин рӯ, оби нӯшокиро сарфакорона ва оқилона истифода бурдан яке аз вазифаҳои асосии ҳар фард ба ҳисоб меравад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намудаанд: «Захираҳои об на танҳо неъмати беҳамто, балки меҳвари асосии рушди устувор мебошанд ва ин амр фаъолияти дастаҷамъона ва муносибати ҷиддиро бо истифода ва ҳифзи ин захираҳо ба хотири наслҳои оянда тақозо дорад».

Самаранок истифода бурдани об яке аз самтҳои асосӣ дар ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар айни замон дар курраи замин зиёда аз 3 млрд. нафар аҳолии ҷаҳон аз норасогии оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд.

Хушбахтона обҳои Тоҷикистон аз ҷиҳати экологӣ обҳои нӯшокӣ буда, ин эҳсони табиати босаховат барои мардуми тоҷик аст. Мо бояд ба қадри ин муъҷазаи табиат расем ва онро сарфакорона истифода барем.

**Ҳасанова Идигул,**
**корманди Китобхонаи илмии ДМТ**